Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Дар таърихи адабиёти навини тоҷик яке аз даврахои пурбор ва барои пешрафту таҳаввули назму насри миллӣ мувофиқу созгор нимаи дувуми қарни XX ба ҳисоб меравад. Зеро як қатор адибони тоҷик дар ин давра соҳибном гардида, ба адабиёти бадеӣ хидмати арзанда намудаанд. Таҳқиқу баррасии адабиёти бадеии ин давра аз дер боз ба масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ табдил ёфта бошад ҳам, ҳоло низ паҳлуҳои таҳқиқталаби он хеле зиёданд.

Ба ҳамин хотир, дар диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод, ки ба таҳқиқи рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ ва вижагиҳои услубу сабки нигориши яке аз адибони сермаҳсули доираи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри XX – Ғафур Мулло (1922-1992) бахшида шудааст, иқдомест арзандаи таҳсин ва тақдир.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар баробари таъкид бар аҳамият, зарурат ва ҳадафи пажуҳиши мавзуъ, ба дараҷаи омӯзиши масъала низ таваҷҷуҳи амиқ равона шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Нақши ҳавзаи адабии Хатлон дар тарбияи суханварон ва ҷойгоҳи шоир Ғафур Мулло дар пешрафти он**» ном дорад. Ин бахши диссертатсияи дорои се фасл мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои вазъи ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри XX, зиндагинома ва мероси адабии Ғафур Мулло ба таври алоҳидаву васеъ баррасӣ шудаанд. Диссертант ҳар як фасли ин бахши рисоларо бо истифода аз далелҳои муътамади илмӣ баррасию ҷамъбаст намудааст.

Боби II «**Вижагиҳои мундариҷа ва шакл дар ашъори шоир**» унвон дошта, ин бахши рисола низ аз се фасл иборат аст. Диссертант дар ин қисмати кор масъалаҳоеро, чун мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии осор,

мавқеи ҳаҷв дар эҷодиёти шоир ва махсусияти ашъори бачагонаи Ғафур Муллоро таҳқиқ намудааст.

Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Ғафур Мулло гуногунпаҳлу ва доманфарох буда, чи ашъори ҳаҷвӣ ва чи ашъори бачагонаи шоир мазмуни баланди тарбиявию ахлоқӣ доранд. Шеърҳои шоир бо мазмуну муҳтавои фарогир оҳанги равону дилнишин метавонанд, хонандаро ба роҳи дурусти зиндагӣ ва доштани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҳидоят намоянд.

Боби III **«Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии осори Ғафур Мулло»** унвонгузорӣ шудааст. Дар ин боби диссертатсия вижагиҳои забонӣ ва сабки баёни ашъори шоир баррасӣ гардидааст.

Дар хусуси забон ва услуби нигориши шоир дар диссертатсия чунин қайд шудааст: «Ғафур Мулло шоирест, ки забону услуби нигорандагии худро дорад. Ҳамин мавзуъ ва мундариҷаи интихобнамудаи Ғафур Мулло, услуби хоссаи шоирона ва забони содаю оммафаҳми ӯ сабаб гардида, ки мавқею нуфузи шоир дар миёни аҳли қалам, хосса хонандагону шунавандагони шеъраш боло рафта ва шеъри ӯ имрӯз ҳаводори худро пайдо намудааст» (Диссертатсия, саҳ. 121).

Ҳамчунин аз таҳқиқи диссертант бармеояд, ки Ғафур Мулло баҳри боз ҳам равону таъсирбахш гардидани шеъраш аз санъатҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳ, муболиға, тавсиф, сифатчинӣ ё тансиқи сифот, тазод ва муқобала, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, талмеҳ ва монанди инҳо истифода намудааст.

Дар хулосаи автореферат дастовардҳои кори диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, диссертант дар чаҳордаҳ банд аз тамоми корҳои кардаи худ натиҷагирӣ намудааст. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар баробари дастоварду навгониҳо дар кори таҳқиқотии диссертант баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар автореферат калимаву ибораҳои тавсифӣ ба назар мерасанд.

2. Диссертант дар навишти номи муҳаққиқон баъзан ба ғалатнависӣ роҳ додааст.
3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Эродҳои мазбур ҷузъӣ буда, арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратовичро дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» ба таври фишурда инъикос менамоянд. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Доктори илми филология, профессор,**
**директори Китобхонаи**
**маркази илмии АМИТ** **Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур**

**Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе: Хиёбони Рӯдакӣ, 33.**
**E-mail: sufizadeh@gmail.com**
**Тел: +992907701111**

**18.11.2022**

**Имзои Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур ро тасдиқ мекунам:**

**Нозири кадрҳои Китобхонаи маркази**
**илмии АМИТ** **Мусаввирова Ш.**
**E-mail: sharifam@gmail.com**
**Тел: +99297221302**
**«18»-уми ноябри соли 2022.**